# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсияи номзадии Саидзода Муҳаббат Шералӣ масоили тарбия, омӯзиши кӯдакон дар оила ва иҷрои вазифаҳои падару модарӣ ҳамеша хеле мубрам буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ӯ аз ҷониби намояндагони гуногуни илм, дин ва институтҳои ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбия, таълим дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи кӯдак, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падару модар дар таълиму тарбияи кӯдакон дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон ва дар умум сатҳи тарбияи насли наврас дар ҷомеа хизмат кунанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳое мебошад, ки ба ташаккули тарбияи кӯдакон, инчунин ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми апрели соли 2017, таҳти № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти № 1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат Шералӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Саидзода Муҳаббат Шералӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили

оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Золотухин Алексей Валерьевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ш. Душанбе).

- Ҳошимзода Даврон Додоҷон - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
академики Академияи илмҳои ҶТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Маҳмудзода М.А.

**Аъзои комиссия:**
узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Раҳимзода М.З.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Бозоров Р.Б.